«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
Гулназарзода Ж.Б. ______________
«__19__» ____05____ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Искандарзода Манижа Раҳматуло дар мавзуи ”Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионии М.Р. Искандарзода дар мавзуи “Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)” ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология ба талаботи муқарраршуда мувофиқат менамояд.

**Мубраммии мавзуи таҳқиқ.** Рисолаи илмии пешниҳодгардида ба омӯзиши масъалаҳои муҳимми ташаккул ва рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон бахшида шуда, дар он равандҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва касбии рушди соҳа аз дидгоҳи таҳлили системавӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи диссертант дар шароити рушди ҷомеаи муосири тоҷик аҳаммияти махсус дошта, ба ниёзҳои воқеии илми психология, рушди фаъолияти касбӣ ва такмили низоми омодасозии мутахассисони соҳаи психология ҷавобгӯ мебошад.

Дар шароити муосир масъалаҳои вобаста ба рушди психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон, таҳқиқи заминаҳои ташаккули афкори психологӣ, муайян намудани мушкилоти фаъолияти психологҳои академӣ ва амалӣ, инчунин, таҳлили дурнамои рушди соҳа аҳаммияти назаррасро касб намудаанд. Аз ин нуқтаи назар, рисолаи мазкур барои

омӯзиши марҳилаҳои рушди психология дар Тоҷикистон ва муайян намудани хусусиятҳои хоси он арзиши муҳимми илмиро соҳиб мебошад.

Ҳамзамон, масъалаи омӯзиши психологияи ватанӣ дар замони соҳибистиқлолӣ яке аз масъалаҳои муҳимми илми психология дар шароити кунуниро ташкил медиҳад. Бо истиқлоли сиёсӣ ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон, илми ватанӣ низ истиқлолиятро ба даст овард ва дигар соҳаҳои илм низ таҳқиқоти илмии хешро вобаста ба дастовардҳои даврони истиқлолият дар тафовут бо даврони шуравӣ ташкил ва баргузор намуданд. Дар ин замина, аз ҷониби диссертант тасмим гирифта шуд, то рушди психологияи илмию амалӣ, дар маҷмуъ, психологияи ватаниро дар даврони соҳибистиқлолӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор диҳад.

Дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди худшиносӣ, тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ, пешгирии мардум аз пайомадҳои хатарзои шомилшавии онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ далолаткунандаи муҳиммияти фаъолияти психолог дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон мебошад.

Воқеан, ҷанги шаҳрвандӣ дар баробари хисороти молию ҷонӣ, вайроншавиҳои психикӣ ва дигар ихтилолҳои психикиеро ба вуҷуд овард, ки шаҳрвандон то ба имрӯз аз он азияти руҳию равонӣ мекашанд.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертатсияи М.Р. Искандарзода дар мавзуи "Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)" таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми психологияи ватанӣ мусоидат мекунад. Ҷанбаҳои дигари мавзуи диссертатсия бошанд, ҷиҳати рушди илмҳои соҳавии дигари психология аҳаммияти муҳим доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.**

- муаллиф яқумин шуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври системавӣ таҳлил намудани раванди ташаккул, рушд ва ҳолати муосири психологияи ватаниро мавриди таҳқиқ қарор додааст;

- дар асоси гузаронидани пурсишҳо ва таҳлили маводи шабакаҳои иҷтимоӣ маълум гардид, ки аз сабаби васеъ паҳн накардани комёбиҳои психологҳои касбӣ мавқеи онҳо аз ҷониби ғайримутахассисон маҳдуд карда шудааст;

– бо мақсади муайян кардани ҳолати муосир, мушкилот ва дурнамои рушди психологияи амалии ватанӣ таҳлили маводи шабакаҳои иҷтимоӣ анҷом дода шуд;

- истифодаи эмпатия аз ҷониби психологҳои касбӣ ва ғайримутахассисон метавонад ба фаъолияти касбии онҳо таъсири зиёд расонад;

- муаллиф бо мақсади муайян кардани ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти касбии психологҳо пурсишҳои психологӣ ба анҷом расонид.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот имкон медиҳад, ки заминаҳои таърихии рушди психологияи илмию амалӣ дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ омӯзиш ва муайян карда шавад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот бо таҳия ва коркарди пурсишнома, ҳамзамон, муайян кардани вазъи кунунии рушди психологияи ватанӣ, инчунин муайяну мушаххас намудани сифатҳои муҳимми касбии психологҳои соҳаи академию амалӣ алоқаманд аст.

Маълумоти аз таҳқиқот бадастомадаро метавон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳангоми дарси фанни психология, ҳамзамон, дар воҳидҳои кадрӣ ҷиҳати қабули психологон ба кор мавриди истифодаи васеъ қарор дод.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Эътимоднокии натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада дар он ифода меёбад, ки пурсишномаи аз ҷониби диссертант таҳиягардида, аз тарафи коршиносон қобили қабул дониста шуда, бо дарназардошти усулҳои муосири таҳқиқот ва принсипҳои илмӣ таҳия ва гузаронида шуд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаб аз муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва таҳвили иттилооти бадастоварда иборат мебошад. Ҳолатҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро ташкил медиҳанд, маҳз натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи довталаб маҳсуб ёфта, дар заминаи таҳқиқи психологияи илмию амалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сифатҳои муҳимми касбии ин фаъолият ошкор карда шудаанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Интишороти диссертант аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки нуктаҳои асосии

муҳтавои диссертатсия аз натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар як қатор мақолаҳои илмии дисертант инъикос ёфтаанд. 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

Нашри чунин мақолаҳо дар маҷаллаҳои бонуфузи илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти М.Р. Искандарзода илман эътироф шуданд ва дорои арзиши илмӣ мебошанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 6 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад. Матни диссертатсия дар ҳаҷми 172 саҳифаи чопӣ баён шудааст. Дар диссертатсия 4 ҷадвал ва 24 диаграмма истифода шуда, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 122 номгӯй иборат аст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи пажӯҳиши илмии он таҳлил карда шуда, объекту предмети таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои асосии он муайян гардида, тавсифи асосҳои илмиву методологӣ, заминаи сарчашмашиносӣ оварда шудаанд, ҳамзамон, шарҳу тавзеҳи арзиши илмиву амалии кори диссертатсионӣ, баёни навгонии илмӣ, инчунин, муҳтавои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда арзёбӣ гардидаанд.

Дар боби якум диссертант масъалаҳои ташаккули афкори психологиро дар осори мутафаккирони Шарқ мавриди таҳлил қарор додааст. Андешаҳои мутафаккирон доир ба масъалаҳои рух, шуур, ахлоқ, тарбия, муносибатҳои инсонӣ ва камолоти шахсият аз нуқтаи назари психологӣ арзёбӣ гардидаанд.

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки афкори мутафаккирони Шарқ дар ташаккули донишҳои психологӣ нақши муҳим дошта, бисёр ғояҳои онҳо имрӯз низ аҳаммияти илмӣ ва тарбиявии худро нигоҳ доштаанд. Дар рисола андешаҳои намояндагони афкори фалсафию психологии Шарқ, ба монанди Абуалӣ ибни Сино, Абубакри Розӣ, Ал-Киндӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва дигар мутафаккирон ҳамчун заминаи ташаккули психологияи ватанӣ арзёбӣ шудаанд.

Ҳамчунин, дар ҳамин боб масъалаи даврабандии рушди психология дар Иттиҳоди Шуравӣ таҳлил гардидааст. Диссертант марҳилаҳои асосии ташаккули психологияи шуравиро баррасӣ намуда, таъсири мактабҳои илмии шуравӣ ба рушди психологияи ватаниро нишон

медиҳад. Таҳлили мазкур имконият медиҳад, ки хусусиятҳои ташаккули психологияи ватанӣ дар заминаи илми шуравӣ равшан муайян карда шаванд.

Диссертант М.Р. Искандарзода кӯшиш кардааст, ки алоқаи мантиқии рушди психологияи ҷаҳонӣ, шуравӣ ва ватаниро нишон дода, онро аз мавқеи илмӣ дурусти баррасӣ намояд.

Боби дуюми рисола, ки "**Рушди психология дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон**" унвон гирифтааст, ба таҳлили равандҳои рушди психология дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ин қисмат омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва илмие, ки ба рушди психология таъсир расонидаанд, баррасӣ гардидаанд.

Муаллиф дуруст нишон медиҳад, ки баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар низоми илмию таълимии кишвар тағйироти ҷиддӣ ба амал омаданд.

Рушди муассисаҳои таҳсилоти олӣ, зиёд гардидани талабот ба хизматрасониҳои психологӣ, ташкили марказҳои машваратӣ ва рушди фаъолияти амалӣ барои ташаккули психологияи илмию амалӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварданд.

Дар боб фаъолияти психологҳои академӣ ва амалӣ таҳлил шуда, мушкилоти асосии рушди соҳа муайян гардидаанд. Аз ҷумла, масъалаҳои норасоии кадрҳои баландихтисос, камбуди базаи методӣ, маҳдудияти таҳқиқоти таҷрибавӣ ва зарурати мутобиқ намудани методикаҳои психологӣ ба шароити миллӣ баррасӣ шудаанд.

Диссертант тавассути таҳлили муқоисавӣ фаъолияти психологҳои академӣ ва амалиро арзёбӣ намуда, хулоса мекунад, ки рушди соҳа ба ҳамгироии назария ва амалия вобастагии мустақим дорад.

Дар боби сеюм, ки "**Таҳқиқи озмоишии рушд ва дурнамои психологияи илм то амалӣ дар шароити кунунии ҷомеаи Тоҷикистон**" унвон гирифтааст, натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишии диссертант пешниҳод гардидаанд. Диссертант Искандарзода М.Р. методҳои таҳқиқотӣ, хусусияти гурӯҳҳои интихобшуда ва тарзи ташкил намудани таҳқиқотро тавсиф намудааст.

Таҳқиқоти гузаронидашуда ҷиҳати муайян намудани вазъи воқеии фаъолияти психологҳо, сатҳи омодагии касбӣ, мушкилоти мавҷуда ва дурнамои рушди психология равона гардидааст. Ҳамчунин, масъалаи қобилияти эмпатия дар фаъолияти психологҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки рушди психологияи амалӣ дар Тоҷикистон тадриҷан густариш ёфта истода бошад ҳам, ҳанӯз масъалаҳои зиёди ташкилӣ, методӣ ва касбӣ боқӣ мемонанд.

Диссертант дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот як қатор пешниҳодҳо ва тавсияҳои амалӣ ироа намудааст, ки метавонанд барои такмили фаъолияти психологҳои академию амалӣ ва омодасозии мутахассисон истифода шаванд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат мутобиқ ба талаботи дастурамал оид ба барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ (доктори фалсафа PhD), номзади илм ва доктори илм таҳия шудааст. Автореферати диссертатсия муҳтавои мухтасари рисоларо инъикос намуда, тасаввуроти дақиқ дар бораи моҳияти таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомадаи диссертантро фароҳам меоварад. Натиҷаҳои бадастомада, тавсияву хулосаҳо дар асоси талаботи Комиссия ва дастурамал ба таври илмӣ-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, инчунин, бо диаграммаю ҷадвалҳо, расму тасвирҳо ва формулаҳои ҳисобӣ пурра риоя шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии М.Р. Искандарзода ба дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология мутобиқат мекунад.

**Эродҳо ва ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар баробари дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсия ва автореферати он аз норасоиҳо ва ғалатҳо низ холӣ нест, ки хусусияти ҷузъӣ доранд ва зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Дар боби якуми диссертатсия таҳлили осори мутафаккирони Шарқ оварда шудааст, ки бештар хусусияти тавсифӣ дошта, таҳлили муқоисавии он сурат нагирифтааст.

2. Масъалаи таъсири мактабҳои психологии Ғарб, ки дар рушди психологияи ватанӣ хеле назаррасанд, аммо аз ҷониби диссертант нисбатан маҳдуд баррасӣ гардидааст.

3. Дар боби сеюми рисола, ки қисмати таҳқиқотиро дар бар мегирад, диссертант кӯшиш намудааст, ки озмудашавандагони худро аз минтақаҳои

гуногуни кишвар (ш. Душанбе, вилоятҳои Хатлон, Суғд ва Бадахшон ва ноҳияи Рашт) интихоб намуда, рушди психологияи илмию амалиро дар ин минтақаҳо таҳлили системавӣ намояд. Аммо хуб мешуд, агар миёни ин минтақаҳо таҳлили тафрикавӣ сурат мегирифт.

4. Фаъолияти психологҳои соҳаи академию амалӣ дар марҳилаи кунунии рушди психологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шудааст, вале баъзе паҳлуҳои ин масъала аз таҳқиқ берун мондааст.

5. Агар муаллиф дурнамои фаъолияти касбии психологҳои академию амалӣ ва қобилияти онҳоро оид ба эмпатия васеътар таҳқиқ мекард, он гоҳ қимати илмии диссертатсия боз ҳам баландтар мегардид.

6. Дар дисертатсия инчунин хатогиҳои техникӣ ҷой дорад, ки ислоҳи он ба манфиати кор аст.

Боиси қайд аст, ки камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсталаби мазкур хеҷ гоҳ қимати илмӣ, назариявӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунанд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ, аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология таҳия гардида, мазмуну мундариҷаи диссертатсияро ифода менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок карда шудаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Диссертатсияи М.Р. Искандарзода дар мавзуи «Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои психологӣ, муаллими калони кафедраи психология Абдураҳмонов Г.Н. мураттаб шудааст.

Муҳокима ва баррасии диссертатсия аз ҷониби муассисаи тақризшаванда бо иштироки диссертант Искандарзода Манижа Раҳматуло дар ҷаласаи васеи кафедраи психологияи Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз санаи 16 майи соли 2026 баргузор гашта, тақриз дар ин ҷаласа баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 12 нафар омӯзгор иштирок намуд. Натиҷаи овоздиҳӣ:

тарафдор - 12 нафар, бетараф - нест, муқобил - нест.

Қарори ҷаласаи васеи кафедра аз 16 майи соли 2026, №9

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи психология Ф.О. Раҷабова

**Эксперт:**
номзади илмҳои психологӣ, муаллими
калони кафедраи психология Г.Н. Абдураҳмонов

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои психологӣ, муаллими
калони кафедраи психология Ф. Файзизода

**Имзоҳои Раҷабова Ф.О, Г.Н. Абдураҳмонов ва Ф. Файзизода-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

**Нишонии муассисаи пешбар:**
734019. ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003. Сомона: dbz.tj

«16» 05 соли 2026.